«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
_______ дотсент Наҷмиддиниён А.
22 майи соли 2023

# ХУЛОСАИ

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷуйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Қувватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Қувватова Рафоат 16.02.1978 дар нҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 2010 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҳуқуқ ва соли 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси идоракунии кадрӣ хатм намуда, солҳои 1995-2004 дар вазифаи омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №7-и ноҳияи Данғара, солҳои 2004-2012 дар вазифаи омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи Гимназияи ҷумуриявии ноҳияи Данғара, солҳои 20113-2017 – омӯзгори синфҳои ибтидоии №1 “Аниса” , солҳои 2017-2019 дар вазифаи директори Литсейи №2 барои бачагони болаёқати шаҳри Душанбе ва аз соли 2019 ин ҷониб дар вазифаи директори Литсейи №3 барои бачагони болаёқати шаҳри Душанбе кор мекунад. Солҳои 2019 – 2022 бҳ ҳайси унвонҷуй дар бахши аспирантура ва докторантураи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурбааст.

Қувватова Рафоат унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ буда, имтиҳонҳои минимумро аз фанни Таърих ва фалсафа – хуб, Забони англисӣ – хуб ва Педагогика – ихтисосро бо баҳои хуб супоридааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ Камолзода Сайфиддин.

Диссертатсияи Қувватова Рафоат дар шуъбаи табиӣ – риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ – методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи шуъба аз 04. 05. 2023. №5).

Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар шароити муосир ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ монда шудааст. Муҳаққиқ бо дарназардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида вазифаҳои зеринро иҷро кардааст:

1. Таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии кор бо кӯдакони лаёқатманд дар муассисаҳои таълимӣ, махсусан дар таълими фанҳои дақиқ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав.

2. Муайян намудани шароитҳои педагогии рушди қобилияти кӯдакони лаёқатманд дар фазои таълимии литсей.

3. Ошкорсозии нақш ва аҳамияти ташхиси лаёқатмандӣ дар низоми таҳсилоти умумии асосӣ ва дар ин асос муайян кардани самтҳои такмили методикаи таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей.

4. Таҳия ва татбиқи модели самараноки таълими фанҳои дақиқ ва комплекси таълимӣ-методӣ аз фанҳои дақиқ бо истифода аз муносибати босалоҳият ба таълими хонандагони болаёқат.

5. Асоснок кардани усулҳои самараноки таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей ва такмили он.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

- моҳият ва сохтори мафҳумҳои таҳқиқотии «лаёқатмандӣ» ва «истеъдод» ҳамчун хислатҳои низомвии шахсият, аз ҷумла ҷузъҳои ҳавасмандкунӣ, маърифатӣ, амалиётӣ-технологӣ, ба шахсият нигаронидашуда, когнитивӣ ва эҷодӣ, ки ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ имкон медиҳанд, ошкор карда шуданд;

-тамоюлҳои асосии назариявӣ, методӣ, илмию методӣ ва принсипҳои рушди эҷодии хонандагони литсей муайян гардида, барномаи рушди қобилияти онҳо аз фанҳои дақиқ тавассути таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва иловагӣ пешниҳод карда шуд;

- низоми дидактикии омӯзиши фанҳои дақиқ аз рӯи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, ки дар муассисаи таълимии мазкур истифода мешавад, асоснок карда шуд;

– шароитҳои педагогии зарурӣ барои ташаккули эҷодӣ ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат дар шароити таълимии литсей ошкор ва ба таври озмоишӣ исбот гардид;

- таъмини иттилоотию методии раванди таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат пешниҳод карда шуд;

- омодагии технологии ҳайати омӯзгорон барои ҳалли мушкилоти дарёфт, ошкорсозӣ ва таълими хонандагони болаёқат баррасӣ гардид;

- мазмун, шакл ва усулҳои ташкили низоми таълими фанҳои дақиқ аз рӯи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити литсей, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, малакаҳои маърифатӣ, иртиботӣ ва тарҳрезӣ, тафаккури эҷодӣ ва мантиқии хонандагони литсей муаррифӣ ва асоснок карда шуда, ба ташаккули раванди рушди онҳо ва бомуваффақият ба амал баровардани қобилияташон асоснок карда шуданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

- бо таваҷҷӯҳи он ба ҳалли масъалаи рушди қобилиятҳои зезнии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими фанҳои дақиқ дар шароити таълимии литсей муайян карда шуд; модели санҷидашудаи идоракунии ин раванд дар самти амалии низоми таҳияшудаи ташкили раванди таълими фанҳои дақиқ пешниҳод карда шуд. Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои такмили низоми таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей дар раванди таҳсилоти асосию миёна ва иловагӣ ва татбиқи минбаъдаи он замина фароҳам меорад;

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи психологию педагогӣ, ташхисӣ, технологӣ ва методие, ки барои таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат заруранд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони гимназияю литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки бо онҳо кор мекунанд, истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;

- дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи таълиму тарбия;

- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии шуъбаи табиӣ – риёзӣ, технологияи иттилоотӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерини дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

1. Қуватова Р. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии мафҳуми истеъдод ва лаёқатмандӣ / [Матн] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №3 (36), 2020. - С.101-106.

2. Қуватова Р. Назарияҳои педагогӣ оид ба лаёқатмандии хонандагон / [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши педагогика, №12, 2022. - С. 252-259.

3. Қуватова Р. Технология ва мушкилоти кор бо кӯдакони лаёқатманд / [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. Бахши педагогика, №6-2 (101), 2022. - С.39-44.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ қ а р о р к а р д:

1. Диссертатсияи илмии Қувватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Қувватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Қувватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат” барои ҳимоя дар Шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г. мураттаб шуда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ аз 22 майи соли 2023, протоколи №11 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: "Тарафдор" - 11 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методии ПРМ
ба номи А. Ҷомии АТТ, муовини
директори ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Лутфуллоева П. М.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Каримзода М.Б.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Котибова Ш.П.

Котиби ҷаласа, ходими пешбари илмии
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҷонмаҳмадова Г.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. А.Адҳамов, 11/2; Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09; Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

*Имзои П. Лутфуллоева, Каримзода М.Б., Котибова Ш.П. ва Г. Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ менамоям.*

*Мудири шуъбаи кадрҳои*
*ПРМ АТТ* — *Ҳакимова Х.*

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФИ НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО